**Натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021**

Дар натиҷаи иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паём ба Маҷлиси Олӣ, маҷлиси васеъи Ҳукумати кишвар оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар соли 2020 ва вазифаҳо барои соли 2021, сафарҳои корӣ ба вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар ва андешидани тадбирҳои зиддибӯҳронӣ дар соли 2021 устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъмин гардида, рушди воқеии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 9,2 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба соли гузашта 4,7 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Қайд бояд кард, ки рушди иқтисодиёти кишвар дар соли 2021 нишондиҳандаи баландтарин дар 17 соли охир ба ҳисоб меравад.

Ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ низ рушди иқтисоди Тоҷикистонро дар соли 2021 нишондиҳандаи баландтарин дар минтақа арзёбӣ намуданд.

Суръати рушди иқтисодиёт аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ 23,3 фоиз, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 22 фоиз, мусофиркашонӣ 12,6 фоиз, гардиши савдои дохилӣ 13 фоиз, кишоварзӣ 6,6 фоиз, боркашонӣ 2,7 фоиз, хизматрасонии пулакӣ 7,9 фоиз ва гардиши савдои хориҷӣ 39,5 фоиз, аз ҷумла содирот 52,8 фоиз таъмин гардид.

Дар соли 2021 сатҳи таваррум 8 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 (9,4 фоиз) 1,4 банди фоизӣ кам аст.

Таваррум дар ҷумҳурӣ аз ҳисоби 7,3 фоиз болоравии нархҳои маҳсулоти озуқа, 7,5 фоиз молҳои ғайриозуқа ва 11,3 фоиз тарофаҳои хизматрасонии пулакӣ ташаккул ёфтааст.

Қайд бояд кард, ки нархҳои маҳсулоти озуқа нисбат ба соли 2020 (13 фоиз) 5,7 банди фоизӣ паст аст.

Болоравии нархҳои маҳсулоти озуқа асосан аз ҳисоби баландшавии нархи орди навъи якум 8 фоиз, равғани растанӣ 24 фоиз, маҳсулоти гӯштӣ 15,1 фоиз, шакар 4,4 фоиз, шир 4,3 фоиз, сабзавот 23,8 фоиз ба вуҷуд омад. Дар баробари ин нархи тухм 14,4 фоиз, биринҷ 7,5 фоиз ва мева 6,7 фоиз коҳиш ёфт.

Баландшавии нархи маҳсулоти ғайриозуқа дар соли 2021 бештар аз ҳисоби болоравии нархи бензин ва гази моеъ 1,7 маротибагӣ, сӯзишвории дизелӣ 1,6 маротиба, маводҳои шустушӯӣ 4,6 фоиз ва либос 2,4 фоиз ба миён омад.

Тибқи таҳлилҳо болоравии нархи воридотии сӯзишворӣ, аз ҷумла бензин, сӯзишвории дизелӣ ва гази моеъ, инчунин нархи фурӯши чаканаи онҳо бинобар сабабҳои баланд шудани нархи ҷаҳонии маҳсулоти нафтӣ ва гази моеъ, коҳиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли сӯзишворӣ, таъмири корхонаҳои коркарди нафт, бахусус истеҳсоли бензин ва афзоиши нархи биржавии он дар Россия ва Қазоқистон ба вуҷуд омад, ки ин ба афзоиши минбаъдаи тарофаҳои хизматрасонии нақлиётӣ ва нархи баъзе маҳсулоти озуқа дар кишвар таъсири бевоситаи худро расонид.

Масалан, нархи миёнаи воридоти бензин дар соли 2021 нисбат ба соли гузашта 249 доллар ё 60 фоиз (аз 416 доллари ИМА ба 665 доллари ИМА) баланд гардидааст.

Бо мақсади дар доираи имкониятҳои мавҷуда ба танзим даровардани нархи сӯзишворӣ санаи 27 августи соли 2021 ҷаласаи назди Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки мақомоти давлатӣ ва воридкунандагони маҳсулоти нафтӣ, инчунин санаи 13 августи соли 2021 дар доираи ҷаласаи гурӯҳи кории байнидоравии доимоамалкунанда оид ба ҳамоҳангсозии амалишавии сиёсати макроиқтисодӣ ва пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ (зинаи дуюм) ин масъала мавриди муҳокима қарор гирифта, барои андешидани тадбирҳои минбаъда Нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирии болоравии нархи сӯзишворӣ ва таъсири эҳтимолии манфии он ба иқтисоди миллӣ таҳия ва аз ҷониби Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва барои чораҷӯӣ аз 24 августи соли 2021, №2364 (22.6) ба вазорату идораҳои дахлдор дастур дода шудааст.

Дар соли 2021 дар кишвар 309 корхона ва коргоҳи нави саноатӣ (аз ҷумла 162 корхонаи саноатӣ) бо 5130 ҷойҳои корӣ (2139 дар корхонаҳои саноатӣ) сохта ба истифода дода шуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 22 фоиз афзоиш ёфтааст.

Рушди соҳаи саноат аз ҳисоби 16,3 фоиз афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард, 1,5 маротиба саноати истихроҷ, 15,2 фоиз таъминоти неруи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво ва 9,2 фоиз афзоиши таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва коркарди дуюмдараҷа таъмин гардид.

Дар шароити имрӯза, ки эҳтимолияти хавфи таҳдиди бемории сироятии короновирус ба кишварҳо боқӣ мемонад афзоиши истеҳсоли маҳсулоти фармасевтикӣ, докаи тиббӣ, сӯзандорӯ, маҳлулҳои безараргардонӣ яке аз тадбирҳои афзалиятнок ба шумор меравад.

Дар соли 2021-ум 7733,6 ҳазор дона маҳсулоти доруворӣ истеҳсол гардид, ки нисбат ба соли 2020-ум 11,8 фоиз зиёд мебошад.

Инчунин 3040,4 ҳазор дона маҳлул барои беҳдошти шахсӣ (антисептик) истеҳсол карда шуд, ки нисбат ба соли 2020-ум 5 маротиба зиёд мебошад.

Ҳаҷми истеҳсоли нерӯи барқ дар соли 2021 дар кишвар 20623,8 млн. кВт. соатро ташкил дода, нисбат ба соли 2020-ум 853,3 млн.кВт. соат ё 4,3 фоиз зиёд таъмин гардид.

Дар соли 2021 аз тарафи ҶСК «Маркази барқу гармидиҳӣ»-и шаҳри Душанбе 1208,6 ҳазор Гкал нерӯи гармӣ истеҳсол гардид, ки нисбат ба соли 2020-ум 46,7 ҳазор Гкал ё 4 фоиз зиёд мебошад.

Инчунин дар соли 2021 аз тарафи ҶСК «Маркази барқу гармидиҳӣ»-и шаҳри Душанбе 1657,4 млн.кВ/соат нерӯи барқ истеҳсол гардид, ки дар сатҳи соли 2020 қарор дорад.

Қайд бояд кард, ки дар самти истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи нерӯи барқ ва тавлиди энергияи сабз дар кишвар корҳо оғоз гардида, дар соли 2021-ум 0,6 млн.кВт соат нерӯи барқ дар

неругоҳҳои офтобии ҶСК «Помир-Энерҷӣ» (ноҳияи Мурғоб) истеҳсол карда шудааст.

Дар соли 2021 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 39,8 млрд. сомонӣ баробар шуда, нисбат ба соли 2020 6,6 фоиз рушд ёфтааст, аз ҷумла дар ин давра соҳаи растанипарварӣ 5,9 фоиз ва чорводорӣ 8,4 фоиз рушд намудааст.

Тибқи маълумоти оморӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ кишти зироатҳо дар майдони 861,6 ҳазор гектар, аз ҷумла ғалладонагӣ 394,7 ҳазор гектар, зироатҳои техникӣ 205 ҳазор гектар, картошка 58,2 ҳазор гектар, сабзавот 71,1 ҳазор гектар, полизӣ 22,3 ҳазор гектар ва зироатҳои хӯроки чорво 110,3 ҳазор гектар гузаронида шудааст, ки нисбат ба соли 2020 кишти зироатҳои ғалладонагӣ 3,1 ҳазор гектар, картошка 5,5 ҳазор гектар, сабзавот 0,7 ҳазор гектар ва зироатҳои хӯроки чорво 4,5 ҳазор гектар зиёд гардида, кишти полизӣ 0,4 ҳазор гектар ва зироатҳои техникӣ 8,4 ҳазор гектар коҳиш ёфтааст. Ҳамзамон дар ин давра майдони умумии кишти пахта 177 ҳазор гектарро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2020-ум 8,4 ҳазор гектар кам мебошад.

Дар соли 2021 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ истеҳсоли ғалладонагиҳо 1586,6 ҳазор тонна, аз ҷумла гандум 876,1 ҳазор тонна, пахта 388,8 ҳазор тонна, сабзавот 2597,6 ҳазор тонна, картошка 1041,3 ҳазор тонна, полизӣ 818,8 ҳазор тонна, мева 444,4 ҳазор тонна ва ангур 267,5 ҳазор тоннаро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта истеҳсоли ғаладонагиҳо 24,5 ҳазор тонна ё 1,6 фоиз, аз он гандум 12,4 ҳазор тонна ё 1,4 фоиз, сабзавот 117 ҳазор тонна ё 4,7 фоиз, картошка 18,8 ҳазор тонна ё 1,8 фоиз, полизӣ 61,8 ҳазор тонна ё 8,2 фоиз ва ангур 27,6 ҳазор тонна ё 11,5 фоиз зиёд гардида, истеҳсоли меваҷот 26 ҳазор тонна ё 5,5 фоиз (асосан аз ҳисоби коҳиш ёфтани истеҳсоли зардолу дар ҳаҷми 56,4 ҳазор тонна ё 35,3 фоиз) истеҳсоли пахта 25,1 ҳазор тонна ё 1,8 фоиз коҳиш ёфтааст.

Сабаби асосии коҳиш ёфтани истеҳсоли пахта ин тибқи маълумоти оморӣ кам шудани майдони кишти пахта дар шаҳру ноҳияҳои пахтапарвар ба микдори умумии 8,4 ҳазор гектар ва сабаби коҳиш ёфтани истеҳсоли меваҷот номусоид омадани вазъи обу ҳаво дар моҳҳои апрел-майи соли 2021 арзёбӣ мегардад.

Дар соли 2021 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ саршумори чорвои калон 2424,5 ҳазор сар (нисбат ба соли гузашта 39,3 ҳазор сар, ё 1,6 фоиз зиёд), аз он модагов 1263,3 ҳазор (35,1 ҳазор ё 2,9 фоиз зиёд), қутос 26,1 ҳазор (1,2 ҳазор сар ё 4,5 фоиз кам), инчунин гӯсфанду буз 5963,9 ҳазор (160,5 ҳазор ё 2,8 фоиз зиёд), асп 84,3 ҳазор (1,6 ҳазор ё 1,9 фоиз зиёд), занбури асал 257,9 ҳазор оила (22,6 ҳазор ё 9,6 фоиз зиёд) ва паранда 10987,9 ҳазор (1235,3 ҳазор ё 12,7 фоиз зиёд) сар ба қайд гирифта шудааст.

Дар ин давра дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ истеҳсоли гӯшти чорвои калон ва майда (дар вазни зинда) 283,6 ҳазор тонна ё 5,2 фоиз зиёд нисбат ба соли 2020, гӯшти паранда (дар вазни зинда) 44,1 ҳазор тонна ё 44 фоиз, шир 1042,6 ҳазор тонна ё 2,1 фоиз, тухм 1053,5 млн. дона ё 7,2

фоиз, пашм 8151,8 тонна ё 1,7 фоиз, пилла 451,1 тонна ё 16,2 фоиз, асал 4390,2 тонна ё 4 фоиз ва моҳӣ 4389,4 тонна ё 23,2 фоиз зиёд шудааст.

Соҳаи парандапарварӣ яке аз соҳаҳои асосии самти чорводорӣ ба ҳисоб рафта, дар таъмини аҳолӣ бо ғизои сафедадор мавқеи намоён дорад. Айни замон дар ҷумҳурӣ 203 адад корхонаҳои парандапарварӣ фаъолият менамояд.

Айни замон соҳаи моҳипарварӣ низ рушд ёфта, шумораи хоҷагиҳои соҳа дар ҷумҳурӣ ба 366 адад расонида шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 13 адад зиёд мебошад.

Ба ҳолати 1 январи соли 2022 аз 78 адад (39 лоиҳаи грантӣ, 7 лоиҳаи қарзӣ ва 32 лоиҳа дар ҳаммаблағгузории қарз ва грант) иборат мебошад, ки маблағи умумии онҳо 42 млрд. сомонӣ (3,7 млрд. доллар)-ро ташкил медиҳад.

Дар доираи лоиҳаҳои мазкур аз оғози татбиқ то 1 январи соли 2022 15,4 млрд. сомонӣ (1,3 млрд. доллар) маблағҳо азхуд гардидааст.

Азхудкунии маблағҳо дар соли 2021 5,4 млрд. сомониро (481,2 млн. доллар) ташкил медиҳад, ки дар маҷмӯъ ба 96 фоизи нақшаи молиявии давраи ҳисоботӣ баробар аст.

Дар моҳҳои январ-сентябри соли 2021-ум ба ҷумҳурӣ 457,1 млн. доллар сармояи хориҷӣ ворид шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 176,3 млн. доллар ё 1,6 баробар зиёд мебошад.

Аз ҳаҷми умумии сармояҳои хориҷӣ 200,3 млн. долларро сармояҳои мустақим, 256,8 млн. долларро дигар сармояҳо ташкил медиҳад.

Воридоти сармояҳои мустақим дар 9 моҳи соли 2021-ум нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 ба маблағи 91,2 млн. доллар ё 1,8 баробар ва дигар сармояҳо 85,4 млн. доллар ё 1,5 баробар зиёд шуд.

Сармояҳои мустақим асосан ба соҳаҳои истихроҷи маъдан 72,4 фоиз, саноати коркард 3,9 фоиз, сохтмон 1,7 фоиз ва ба дигар соҳаҳо 22 фоиз равона карда шудаанд.

Тибқи маълумоти оморӣ ҳаҷми маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ дар соли 2021 ба 14757,2 млн. сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020-ум 23,3 фоиз зиёд аст.

Мувофиқи маълумоти оморӣ дар соли 2021 ҳаҷми умумии гардиши савдои яклухт ва чакана, таъмири автомобилҳо ва мотосиклҳо 40139,5 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2020 13 фоиз ё 7551,7 млн. сомонӣ зиёд шудааст.

Дар ин давра ҳаҷми гардиши савдои чакана, таъмири автомобилҳо ва мотосиклҳо 33700,3 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2020 12,7 фоиз афзоиш ёфтааст.

Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ дар ҳамаи соҳаҳои хизматрасонӣ дар соли 2021 ба 15111,8 млн. сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли гузашта 7,9 фоиз зиёд мебошад.

Аз ҳаҷми умумии хизматрасониҳои пулакӣ 77,6 фоиз ё ба маблағи 11721,2 млн. сомонӣ ба аҳолии кишвар расонида шудааст, ки нисбат ба соли 2021 1,4 фоиз зиёд шудааст.

Дар соли 2021 тавассути ҳамагуна нақлиёт 82 млн. тонна бор кашонида шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,7 фоиз зиёд мебошад.

Ҳамзамон дар ин давра бо ҳама намуди нақлиёт 737,1 млн. нафар мусофир кашонида шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 12,6 фоиз афзоиш ёфтааст.

Дар соли 2021 мувофиқи маълумоти оморӣ гардиши савдои хориҷӣ дар соли 2021 6359,1 млн. долларро ташкил дод, ки нишондиҳандаи баландтарин дар таърихи соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб рафта, нисбат ба соли гузашта 39,5 фоиз ё 1801,3 млн. доллар афзоиш ёфтааст.

Дар сохтори гардиши савдои хориҷӣ ҳиссаи содирот 34 фоиз баланд ва воридот ба 66 фоиз паст гардид.

Дар соли 2021 содироти мол ба 2149,6 млн. доллар ва воридоти он ба 4209,5 млн. доллар баробар шуд, ки нисбат ба соли 2020 мутаносибан содирот 742,7 млн. доллар ё 52,8 фоиз ва воридот 1058,6 млн. доллар ё 33,6 фоиз афзоиш ёфтааст.

Бо мақсади коҳиш додани таъсири омилҳои беруна ба иқтисодиёт ва кам кардани вобастагии бозори истеъмолӣ аз маҳсулоти воридотӣ дар доираи Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 як қатор тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ амалӣ шуда истодааст, ки дар натиҷа таъмини бозори истеъмолӣ бо молҳои асосии хӯрокворӣ, асбобҳои рӯзгор ва масолеҳи сохтмонӣ таъмин гардида, ҳиссаи воридоти молу маҳсулоти номбаршуда сол аз сол кам шуда истодааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар натиҷаи андешидани тадбирҳои воридотивазкунӣ дар соли 2021 нисбат ба соли 2020 воридоти баъзе намуди маҳсулот коҳиш ёфт, аз ҷумла орд 33,2 ҳазор тонна ё 36,9 фоиз, равғани офтобпараст 21,2 ҳазор тонна ё 23,8 фоиз, гӯшти мурғ 10,3 ҳазор тонна ё 72 фоиз, маводҳои шустушӯӣ 10,1 ҳазор тонна ё 18,7 фоиз, маҳсулот аз санг, гулгаҷ ва семент 6,2 ҳазор тонна ё 5,9 фоиз, маҳсулоти қаннодӣ 2,5 ҳазор тонна ё 23,1 фоиз, оби ҷав 1,3 ҳазор тонна ё 31 фоиз, маҳсулоти фармасевтӣ 1,3 ҳазор тонна ё 8,7 фоиз, меваҳои тару тоза 1,1 ҳазор тонна ё 73,3 фоиз, маҳсулоти макаронӣ 0,2 ҳазор тонна ё 1,3 фоиз ва ғайраҳо.